# Китоби Муқаддас барои кӯдакон



# Деворҳои бузурги Наҳемё

Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Jonathan Hay
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: Mary-Anne S.

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2022 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.

Форс ки миллати тавоно буд, дар ҷаҳон ҳукм меронд. Шоҳ Артаҳшасто дар сарзамини Форс ҳукмронӣ мекард. Ин вайро ҳукмрони зӯртарини ҷаҳон карда буд. Яке аз ёрдамчиёни муҳими шоҳ, марди яҳудие буд, ки Наҳемё ном дошт. Кори ӯ хӯроки шоҳро чашидан буд, то шоҳро аз заҳролудшавӣ муҳофизат намояд.



Рӯзе Наҳемё бо чеҳраи хеле ғамгин ба назди шоҳ омад. Шоҳ донистан мехост, ки чӣ гап шудааст. Наҳемё гуфт: “Зинда бод подшоҳ! Ман барои он ғамгин ҳастам, ки шаҳре ки дар он ҷо гузаштагонам гӯручӯб шудаанд, харобазор шудаасту дарвозаҳояш оташ зада шудаанд”. Наҳемё дар бораи Уршалим гап мезад, ки он чандин солҳо пеш дар натиҷаи ҷанг вайрон шуда буд.



Шоҳ Артаҳшасто пурсид: “Хоҳишат чист?” Наҳемё зорӣ кард: “Мон, ки ман ба Уршалим рафта, онро аз нав созам”. Шоҳ Артаҳшасто меҳрубонона розӣ шуд. Ҳамчунин шоҳ ба Наҳемё, барои вайро ҳангоми сафар муҳофизат кардан, номаҳои расмӣ дод.



Шоҳ ҳатто зиёдтар ёрӣ дод. Ӯ ба Наҳемё, барои Ософ, ки назоратчии ҷангалҳои подшоҳ буд, нома дод. Ба Ософ фармон дода шуд, ки ҳар қадаре Наҳемё, барои сохтани деворҳои шаҳр чӯбу тахта талаб кунад, ҳамон қадар ба вай диҳад.



Ҳангоме ки Наҳемё ба Уршалим расид, сардорони шаҳрро ҷеғ зада гуфт: “Мо дар ин ҷо мушкилӣ дорем.  Шаҳр харобазор гардидаасту дарвозаҳо оташ зада шудаанд.



Биёед, навсозӣ мекунем”.  Наҳемё ба онҳо гуфт, ки шоҳ Артаҳшасто розӣ шудааст ва аз ҳама муҳим, Худо тарафдорашон аст.



Имон ва ғайрати Наҳемё бояд мардумро рӯҳбаланд намуда бошад. Онҳо розӣ шуда “Биёед навсозӣ мекунем” гуфтанд. Наҳемё ба ҳар як хонавода гуфт, ки кадом қисми деворро бояд таъмир кунанд.



Вале на ҳама барои таъмири деворҳо розӣ шуданд. Марде бо номи Санбалат ва ду дӯсти вай, Тубиё ва Ҷашам яҳудӣ набуданд. Онҳо намехостанд,



ки деворҳо навсозӣ шаванд ё дарвозаҳо таъмир гарданд.

Ҳангоме ки кор пеш рафт, Санбалат сахт хашмгин шуд. Ӯву дӯстонаш яҳудиёнро масхара мекарданд. Тубиё гуфт: “Вақте ки онҳо сохтмони ин девори беқувватро тамом мекунанд, як рӯбоҳи хурдакак онро мешиканад”. Наҳемё ҷавоб надод.
Ба ҷойи ин, вай ба Худо дуо кард,



ки Ӯ бо онҳо сарукор гирад.

Вақте ки таҳқирҳои масхараомезашон ягон таъсир накард, онҳо қасд карданд, ки якҷоя бар зидди Уршалим ҷанг карда, ҳар қадаре ки тавонанд, мушкилӣ пеш меоранд. Наҳемё боз барои ёрии Худо дуо кард.

Инчунин шабу рӯз посбон гузошт, то ба онҳо ногаҳон дарнаафтанд.



Яҳудиён чунон сахт кор мекарданд, ки аз ин монда мешуданд.  Баъзеашон метарсиданд, ки ҳангоми кор карданашон душманон омада, онҳоро мекушанд.
Бо вуҷуди ин Наҳемё корҳои сохтмониро боздоштан намехост.
Ӯ дар гирди коргарон посбононро гузошта, ёдрас намуд, ки Худо тарафдори онҳост ва Ӯ аз ҳар душман тавонотар аст.





Наҳемё кӯшиш мекард, ки намунаи хуб бошад. Шоҳ Артаҳшасто, Наҳемёро ҳокими Уршалим таъйин намуда, ҳақ дода буд, ки вай аз мардум хӯрокаю пул талаб кунад.



Аммо Наҳемё ин хел накард. Вай ҳамту дар баробари мардум, ҳангоме ки деворҳоро навсозӣ менамуданд, сахт меҳнат мекард. Наҳемё барои харидани хӯрока пули худашро истифода мебурд.

Дар охир мардум сохтмони деворҳоро тамом карданд. Акнун дар дарвозаҳои асосӣ, танҳо дарҳоро гузоштан даркор буд. Вақте ки Санбалат, Тубиё ва Ҷашам шуниданд, ки дигар дар деворҳо сӯрохие нест, онҳо нақша карданд, ки ба Наҳемё зарар расонанд.



Ин мардон ба Наҳемё паём фиристоданд, ки бо онҳо дар ҷойе ки Уну ном дорад, вохӯрад. Аммо Наҳемё медонист, ки онҳо вайро фиреб дода, аз шаҳр баровардан мехоҳанд, то ба вай зарар расонанд. Наҳемё ҷавоб навишт, ки барои рафта дидани онҳо, аз сари кор намехезад.




Ниҳоят навсозии деворҳо ба охир расид ва Наҳемё
барои муҳофизати он посбонҳоро гузошт.


Инчунин вай қоидае баровард, ки то офтоб пурра набарояд, дарвозаҳои
шаҳрро накушоянд. Дар давоми шаб онҳо бояд пӯшида ва баста мешуданд.

Акнун ки шаҳр бехатар буд, бисёр яҳудиёни асир, аз гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон ба Уршалим баргаштанд. Наҳемё бояд ки хурсанд шуда бошад, зеро ки вай нововбаста аз монеаҳо, кореро ки Худо онро ба вай супурда буд, тамом кард. Ӯ дар Уршалим истода, ба мардум ёрӣ медод, то онҳо ҳамеша ба Худо итоат кунанд.



Деворҳои бузурги Наҳемё

Ҳикоя аз Каломи Худо

Наҳемё

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130

# Хотима

35

60

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16